ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 327 (091) (575)
ТКБ: 66.4 (0) +63.3 (5)
Ф- 82

Бо ҳуқуқи дастнавис

ФОЗИЛОВ КОМРОН ҶАМОЛОВИЧ

ХАТАРҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БО ОНҲО ДАР ҚАРИНАИ ҲАМКОРИҲОИ АМНИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ЧОРЯКИ АВВАЛИ АСРИ XXI

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)

ДУШАНБЕ-2025

Диссертатсия дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: **Самиев Холаҳмад Давлатович –** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Комилова Хосият Ғуфроновна** – доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе

Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ – номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

Муассисаи тақриздиҳанда: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия 03 декабри соли 2025 соати 13:30 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Суроға: Умаров А.Қ. abdullo1189@mail.ru (тел.: +992 904-42-30-00)

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____ соли 2025 ирсол шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои таърих **Умаров А.Қ.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Муносибатҳои байналмилалии муосир дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ, махсусан дар масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ торафт мураккабтар мегарданд. Яке аз чолишҳои асосии чоряки аввали асри XXI хатарҳои иттилоотӣ аст, ки метавонад бевосита ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳо таъсир расонад. Дар ин замина, омӯзиши таҳдидҳои иттилоотӣ дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи амният аҳаммияти хосса дорад.

Равандҳои сиёсии даҳсолаи охир равшан нишон медиҳанд, ки иттилоот то чӣ андоза муҳим ба манбаи стратегӣ табдил ёфта истодааст. Нерӯҳои гуногуни сиёсӣ – ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ, аз ҷумла созмонҳои ифротӣ ва террористӣ аз фазои иттилоотӣ барои таъсир расонидан ба шуури омма, сафарбар намудани ҷонибдорон ва халалдор кардани суботи давлат истифода мебаранд. Технологияҳои иттилоотӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҷанги гибридии муосир ва воситаи асосии мубориза барои таъсир ба фазои идеологӣ ва сиёсӣ гаштаанд.

Таъсири иттилоотии афзояндаи нерӯҳои тахрибкор дар Осиёи Марказӣ боиси нигаронии хос аст. Минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон осебпазирии баландро ба ҳамлаҳои иттилоотӣ нишон медиҳад. Дар кишварҳое чун Қирғизистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон бесуботии иттилоотӣ дар баъзе мавридҳо ба ташдиди танишҳои иҷтимоӣ, кӯшишҳои табаддулоти давлатӣ ва ҳатто амалӣ шудани “инқилобҳои ранга” мусоидат кардааст. Ин падидаҳо аз мавҷудияти камбудиҳои ҷиддӣ дар механизмҳои амнияти иттилоотии миллӣ ва минтақавӣ шаҳодат медиҳанд.

Муҳимияти мавзуъ ба зарурати ташаккули механизмҳои самарабахши ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ вобаста аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои дигар кишварҳои минтақа, таҳияи сиёсати муштараки амнияти иттилоотӣ, табодули маълумот, ҳамоҳангсозии талошҳо дар фазои киберфазо, инчунин таҳияи равишҳои муштарак оид ба муқовимат ба маълумоти бардурӯғ ва таблиғоте, ки аз манбаъҳои берунӣ ва дохилӣ бармеоянд, аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад.

Илова бар ин, таҳдидҳои иттилоотӣ дар минтақа аксар вақт бо фаъол шудани ҷунбишҳои радикалӣ, ки аз фазои рақамӣ барои ҷалби ҷавонон, паҳн кардани ақидаҳои ифротгароӣ ва барҳам задани пояҳои ҳокимияти давлатӣ истифода мекунанд, алоқаманд аст. Ин вазъият на танҳо вокуниши дохилӣ, балки кори муштаракро дар чаҳорчӯби сохторҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои дуҷониба байни ниҳодҳои амниятӣ, агентиҳои иттилоотӣ ва доираҳои илмиро тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши хатарҳои иттилоотӣ ва ташаккули роҳҳои муассири мубориза бо онҳо дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дорад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо дарки механизмҳои ҷанги иттилоотии

муосир амиқтар шавад, балки стратегияи ҳамаҷонибаи таҳкими амнияти минтақавӣ дар шароити афзоиши рақобати геополитикӣ таҳия карда шавад.

Дар чунин вазъият зарурияти ҷустуҷӯи усул ва бардоштҳои мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ, ҳифзи фазои иттилоотии мамлакат аз таҳдиду ҳамлаҳои иттилоотӣ, роҳ надодан ба паёмадҳои ногувори ифротгароӣ ва тундравӣ, ташаккули фарҳанги иттилоотии ҷамъият аз зумраи масоиле мебошанд, ки омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи мавзуи пешниҳодшударо мубрам гардондаанд. Мубориза бо таҳдидҳо дар соҳаи иттилоот мавзуи тадқиқоти амиқи олимони соҳаҳои гуногуни фанҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, омӯзиши ҳамаҷониба ва пайвастаи ин мушкилот дар шароити навовариҳои босуръати технологӣ дар ҷаҳони муосир, ки дар он ҷо ахбор, аз он ҷумла ахбори зарарнок зуд паҳн мешавад ва бахусус иттилооти таҳрибкорона тақозо дорад, ки масъалаи пешниҳодшуда мунтазам ва пайваста таҳқиқ ва таҳлил карда шаванд. Мушаххасан актуалӣ будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро вуҷуд доштани проблемаҳои зерин таҳаққуқ мебахшад:

Якум, тайи чанд сол аст, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷангҳои иттилоотӣ аз худ нишон медиҳанд, ки дар робита ва мавқеъгириҳои давлатҳои минтақа дар ин ё он масъалаи баҳсабарангез, аз ҷумла, масоили марзӣ, қавмӣ, истифодаи захираҳои энергетикӣ истифода бурда мешаванд. Мисоли боризи он рӯйдодҳои дар маҳалҳои сарҳадӣ ва баҳсноки байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар солҳои 2020 – 2023 ба миён омада шуда метавонанд, ки ҷангҳои иттилоотии густардаро ба бор оварданд. Тавре ки муҳаққиқ ва сиёсатшиноси шинохтаи тоҷик А. Раҳнамо дар таҳқиқоташ менависад: “Ҷумҳурии Қирғизистон ва созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатии он аз тамоми имконоти мавҷуда дар арсаи маҷозии интернет истифода кардаанд, то ба Тоҷикистон зарар расонанд ва бахусус Тоҷикистонро кишвари таҷовузкор нишон диҳанд” [28]. Гарчанде ки воқеият дигар буд, вале ниҳодҳои иттилоотии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба иллати заъфи омодагии иттилоотии васоити ахбор ва сатҳи пасти омодагии касбии рӯзноманигорони мо имкон надоданд, ки дар ин руёрӯйии иттилоотӣ бар кишвари ҳамсоя дастболо шавем. Дар чунин маврид ва ҳолатҳои ба ин монанд ҳифзи афкори ҷомеа, коҳиши таъсири зараровари гузоришҳои нодурусту бардурӯғ, ҳифзи манфиатҳои мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ ҷанбаҳои асосии таъмини суботи иттилоотии давлатро ташкил медиҳанд.

Сониян, афзоиши босуръат ва паҳншавии ақидаҳои ифротгароиву террористӣ аз хориҷи кишвар, шиддат гирифтани фаъолияти ин гурӯҳҳо дар дохили кишвар арсаи иттилоотии Тоҷикистонро ноором карда, таҳдиду хатар ба сохтори давлати конститутсионӣ, сиёсӣ ва низоми давлати дунявӣ, амнияти миллӣ доранд. Даҳсолаи охир боиси бонуфуз шудани созмонҳои террористӣ ва ифротгароӣ гардида, онҳо бо истифода аз фазои иттилоотӣ ба тафаккури ҷавонон, бахусус муҳоҷирони кории тоҷик таъсир мегузоранд ва бархе аз онҳоро ба сафи худ ҷалб ва барои ширкат дар амалиёти террористӣ дар кишварҳои хориҷӣ сафарбар кардаанд. Аз ҷумла, чунин гурӯҳҳо “Давлати исломӣ”, ки зиёда аз 2000 шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таблиғоту мағзшӯӣ ба сафи худ ҷалб карда, ба Ироқу Сурияв фиристод. Ё гурӯҳҳои

ифротиву террористии «Ҳизби Наҳзати Исломӣ», «Гурӯҳи 24», «Эътилофи миллии Тоҷикистон» тариқи интернет ҳамарӯза арсаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тахрибу вайрон мекунанд.

Роҳбарон, пайравон ва гумоштагони ташкилотҳои мазкур бо истифода аз усулу механизмҳои гуногуни ҳамлаҳои иттилоотӣ талош мекунанд, ки фазои ороми Ҷумҳурии Тоҷикистонро муташанниҷ карда, халқро ба табаддулот ва инқилоби зиддиҳукуматӣ даъват намоянд.

Роҳбарияти Тоҷикистонро зарур аст, ки барои ташкили муқовимат зидди хатарҳои иттилоотӣ ба масоили эҷод ва рушди зерсохторҳои иттилоотии ҷумҳурӣ бештар таваҷҷуҳ кунанд. Зеро, дар сатҳи зарурӣ ва кофӣ ба роҳ мондани низоми амнияти иттилооотӣ аз он вобастагӣ дорад, ки мушкилот ва масоили зикршуда чи гуна бартараф карда мешаванд. Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад ва аз таҳаввулоти иттилоотии ҷаҳонӣ дар канор буда наметавонад.

Эҷод ва истифодаи абзорҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани механизми ахборрасонӣ ва нақли ахбор ва дар таҳти назорати давлату мақомоти марбут мондани банду баст ва расонаӣ кардани иттилоот шароит фароҳам меорад, ки арсаи иттилоотии кишвар аз хатарҳои иттилоотӣ дар амон бимонад. Давлатҳое, ки дар ин самт комёбиҳои назаррас ба даст овардаанд, аз равиши бисёрсоҳавӣ истифода мебаранд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, воситаҳои техникии муҳофизат, омӯзиши кадрҳо ва фаъолият барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар бар мегирад. Ин равиши ҳамаҷониба ба мо имкон медиҳад, ки ба намудҳои гуногуни таҳдидҳо, аз кибертерроризм то паҳншавии маълумоти бардурӯғ ва таблиғ мубориза барем.

Дар ҷаҳони муосир, ки бо афзоиши босуръати ҳаҷми иттилоот ва суръати паҳншавии он тавсиф мешавад, ташаккули фарҳанги нави иттилоотӣ аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Қобилияти баҳодиҳии интиқодӣ ба иттилооти гирифташуда ва фарқ кардани далелҳо аз қалбакӣ як ҳалқаи заиф дар занҷири амнияти иттилоотӣ мегардад. Маҳз аз ҳамин осебпазирӣ дар ҳамлаҳои иттилоотӣ, ки ҳадафи он бесубот кардани ҷомеа, паст задани эътимод ба ниҳодҳои ҳукуматӣ ва таҷдиди афкори ҷамъиятӣ мебошад, истифода мешавад.

Камбуди тафаккури интиқодӣ, ба хусус ҷавонон, таъсири идеологияи бегона, аз ҷумла ҳаракатҳои ифротгароӣ ва радикалиро зиёд мекунад. Чунин идеологияҳо, ки аксар вақт тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои онлайн паҳн мешаванд, барои ҷалби афроди ноболиғ ба сафҳои худ аз манипулятсияи равонӣ ва фишангҳои эмотсионалӣ истифода мекунанд. Гузашта аз ин, адами нуфузи ВАО-и миллӣ ва бартарияти манобеъи иттилоотии хориҷӣ мушкилотро шадидтар карда, холигии иттилоотиро ба вуҷуд меорад, ки ба осонӣ бо таблиғот ва маълумоти бардурӯғ пур мешавад. Ин боиси тафриқа дар ҷомеа, аз байн рафтани ҳувияти миллӣ ва заиф шудани иттиҳоди ҷомеа мегардад.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва паҳншавии воситаҳои ахбори омма тақозо мекунад, ки муносибати шаҳрвандон ба манбаъҳои иттилоот тағйир дода шавад. Тафаккури интиқодӣ ташвиқ кардан, малакаҳои

санҷиши далелҳо ва қобилияти фарқ кардани иттилооти боэътимодро аз маълумоти бардурӯғ ва таблиғот инкишоф додан лозим аст. Ин на танҳо талошҳои инфиродӣ, балки кори мунтазами давлатро тақозо мекунад, ки ба баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, рушди ВАО-и миллӣ ва эҷоди низоми муассири назорати паҳншавии иттилооти бардурӯғ нигаронида шудааст. Ба ин бояд рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ ва паҳншавии идеологияи ифротӣ илова карда шавад. Мубодилаи байналмилалии таҷриба ва амалиёти муштарак барои муқобила бо таҳдидҳои киберӣ ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи муассири амнияти иттилоотӣ мебошад. Инчунин механизми пайгирӣ ва безарар гардонидани таъсири агентҳои хориҷӣ ва дигар субъектҳоро, ки мехоҳанд вазъ дар кишварро ноором кунанд, ба назар гирифтан ва таҳия кардан лозим аст. Муносибати маҷмӯӣ, ки тадбирҳои техникӣ, ҳуқуқӣ ва таълимиро дар бар мегирад, калиди таъмини амнияти миллии иттилоотӣ дар муҳити ба таври динамикӣ тағйирёбанда мебошад.

Дар рисолаи таҳқиқотии мазкур хатарҳои иттилоотӣ ҳамчун хатари ҷиддӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ гардида, ҷиҳати ошкор ва дарёфти роҳу механизмҳои босамари мубориза бо онҳо зарур арзёбӣ мешаванд. Омӯзиш ва таҳлили санадҳо ва маводҳои мавҷуда моро ба хулосае меоранд, ки дар мамлакати мо баҳри ошкор кардани хатарҳои иттилоотӣ ва ба роҳ мондани муқовимати васеъ ва фарогир бо онҳо пойгоҳи устувори меъёриву ҳуқуқӣ эҷод шудааст. Ҳамзамон тағйиротҳои рӯзафзуни сиёсиву иттилоотӣ ва идеологӣ бознигарӣ ва таҷдиди назар ба онҳоро зарур гардондаанд. Авомили зикршуда ва мавҷудияти мушкилоти марбут ба муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ таҳқиқоти мавзуъро мубрам гардондаанд.

Сатҳи омӯзиши мавзуи илмӣ. Мавриди ёдоварист, ки бо вуҷуди он ки нишонаҳои хатарҳои иттилоотӣ ба ҷомеаи навбунёди Тоҷикистон дар даҳсолаҳои аввали дастёбӣ ба соҳибихтиёрии давлатӣ ба назар мерасид, дар доираҳои илмиву омӯзишии мамлакат то оғози асри XXI масъалаи мазкур объекти таҳқиқоти алоҳида нагардида буд. Ҳамзамон, аксари таҳқиқотҳои дар кишвари мо анҷомёфта бештар ба омӯзиши амнияти иттилоотӣ бахшида шудаанд.

Муаллифи таҳқиқоти мазкур аз осори илмии донишмандон ва муҳаққиқони миллӣ ва кишварҳои хориҷӣ васеъ истифода бурдааст. Таҳқиқотҳои мазкурро вобаста ба арзиши илмӣ ва миқёси фарогирии мавзуъ метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

Гурӯҳи аввалро силсилаи таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватанӣ ташкил медиҳанд. Чунончи дар осори илмии А.Н. Маҳмадов [38], З. Сайидзода [43], А.Сатторзода [44], П.А. Маҳмадов [52; 53; 51], А.Х. Ибодов [32], А. Абдуҷалилов [62], ва олимони дигар вазъи имрӯзаи низоми иттилоотии кишвар, захира ва имкониятҳои он таҳлил карда шудаанд [50].

Мавзуи амнияти иттилоотӣ ва мавқеи он дар низоми муошират сиёсӣ: вазъ ва бартариҳои он дар силсилаи таҳқиқотҳои сиёсатшиноси шинохтаи тоҷик П. Муҳаммадзода инъикоси ҳаматарафа ёфтаанд [66]. Гуфтан мумкин

аст, ки мавзуи вижагиҳои низоми иттилоотии мамлакат, мақом, мушкилоти мавҷудаи васоити ахбори омма ва дигар абзорҳои иттилоотӣ, заминаҳо ва омилҳои таҳдидкунанда ба амнияти иттилоотӣ дар осори сиёсатшиносони маъруф А.Н. Муҳаммад, А.Х. Ибодзода, Қ.И. Сафиев [55; 56] таҳқиқ ва таҳлил шудаанд.

Метавон гуфт, ки муроҷиат ба таҳқиқоти олимони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ барои муқоисаи вазъият, вижагиҳо ва равишҳои муборизаи давлатҳои минтақа алайҳи хатарҳои иттилоотӣ кумак расонидаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои муҳаққиқони кишварҳои ҳамсоя Ю.Н. Алёшин [29], З.А. Асадова [46], Г. Иброҳимова [48], Г.К. Искакова [49], Л. Каратаева [75], Б.Е. Рустембаев [57] (ҳаммуаллифӣ бо К.К. Нурмаганбетов, Н.М. Каскатаев, Б.У. Асилов) ва дигарон масоили ҷудогонаи самти иттилоот, назири амнияти иттилоотии кишварҳои минтақа, мубориза бо кибертерроризм, мушкилоти идораи Интернет, роҳу равиш ва механизми истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ғайра таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи қазоқистонӣ Г. Иброҳимова ба омӯзиш ва таҳлили вазъи рафтори давлатҳои Осиёи Марказӣ ба масъалаҳои идораи Интернет ва таъмини амнияти иттилоотӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст [48]. Мақолаи муҳаққиқи қазоқ Г.К. Искакова ба омӯзиш ва таҳлили вазъи амнияти иттилоотии Осиёи Марказӣ ва стратегияи Россия, ИМА ва Чин дар минтақа бахшида шудааст. Муҳаққиқи дигар З.А. Асадова дар мақолааш вазъияти фазои иттилоотиии кишварҳои минтақа ва стартегияи амнияти иттилоотии ин кишварҳоро таҳлил карда, бештар ба механизм ва вижагиҳои татбиқи стратегияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Қазоқистон таваҷҷуҳ кардааст [46]. Муҳаққиқи қазоқистонӣ Л. Каратаева ҳам ҷанбаъҳои гуногуни бехатарии иттилоотӣ, аз қабили бахши хусусӣ, омору таҳдидҳоро матраҳ намуда, вобаста ба иқтисоди кишвар аз нақли маҷмӯи асбобу анҷом, мувофиқи мақсад набудани воридоти нармафзор ва хидматрасонӣ аз хориҷи кишвар, ки боиси афзоиши мушкилот ва таҳдидҳо дар ташкили инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон мегардад, таҳлили ҳамаҷониба гузаронидааст [75].

Ба гурӯҳи дуюм таҳқиқотҳое дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ, усулҳо ва механизмҳои коҳиш додани хатарҳои иттилоотӣ, инчунин хусусиятҳои хоси ташаккули сиёсати давлатии иттилоотиро ҳамаҷониба баррасӣ мекунанд.

Муаллифони таълифоти мазкур А.В. Дорожкин, В.Н. Ясенев [47], О. Ладигина [34], А. Гречневиков [31], А.А.Стрелтсов [60], М.С. Соколов [59], Ю.Ф. Нуждин [41], А.В. Манойло [37], И.Л. Бачило [30], В.И. Карпов [33], В.К. Новиков [40], Г.Г. Маншин [76], И.Н. Панарин [42], В.Н. Лопатин [36] ва дигарон мебошанд.

Масъалаҳои дахлдор ба вазъ ва роҳҳои ба таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳамлаҳо ва ҷангҳо дар фазои маҷозӣ, силоҳи иттилоотӣ ва корбурди онҳо дар ҷангҳои муосир ва оянда ва ғайра дар асарҳои муҳаққиқони рус Г.Г. Маншин, В.А. А. А. Стрелтсов, В. Н. Лопатин В.А. Артамонов, В.К. Новиков, Е.В. Артамонова мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Муаллифони рисолаи

дастаҷамъона «Осиёи Марказӣ: нишондиҳандаҳои иҷтимоиву гуманитарӣ» [35] ба чунин масъалаи нозук дар сиёсати минтақавии кишварҳои зинафъ дар минтақа – истифодаи «нерӯи нарм» таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҳамчунон аз афзудани хатарҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба фазои иҷтимоиву гуманитарии кишварҳо ёдовар шудаанд.

Гурӯҳи сеюми адабиётро таҳқиқотҳои олимони кишварҳои хориҷӣ, бахусус, ғарбӣ ташкил додаанд ва онҳо барои сарфаҳм рафтан ба моҳият ва мазмуни хатарҳои иттилоотӣ бахусус навъҳои онҳо – ҳамлаҳо ва ҷангҳои иттилоотӣ ва муқоисаи онҳо бо Тоҷикистон хизмати хос кардаанд. Дар ин замина метавон аз силсилатаҳқиқоти олимони аврупоӣ К. Синн [82], П. Рона [83], Т.Л. Томас [61], Ф. Уэбстер [45] ва дигарон ёдовар шуд. Аз ҷумла, Ф.Уебстер дар таълифоти худ бештар ҷанбаъҳои ташкилотӣ ва равонии муқовимати иттилоотӣ, аз ҷумла, ҳамлаҳои иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотиро баррасӣ намудааст.

Бояд зикр кард, ки олимони хориҷӣ масъалаи амнияти иттилоотӣ ва ҷузъҳои онро, ки дар арсаи байналмилалӣ васеъ истифода мешаванд, бодиққат ва ҳамаҷониба омӯхтаанд. Ҳамзамон, коршиносону сиёсатшиносон, таҳлилгарону муҳаққиқони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқ ва омӯзиши таҳдидҳои бехатарии иттилоотӣ ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ фаъолона машғуланд.

Дар баробари ин, самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши таъмини бехатариииттилоотӣ ва муқовимат ба хатарҳои иттилоотӣ бо мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ИДМ, Иттиҳоди Аврупо ва ИМА дар чаҳорчӯбаи сохторҳо ва ниҳодҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳқиқоти муфассал ва фарогирро тақозо менамоянд.

Робитаи таҳқиқот бо барнома ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи панҷсолаи кори илмиву таҳқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ барои солҳои 2016-2020 иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш, таҳлил ва мушаххассозии хатарҳои иттилоотӣ ва миқёс, сатҳ ва паёмадҳои таъсири онҳо ба фазои иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Бо ин мақсад муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

-дақиқ намудани мафҳуму моҳият ва хусусиятҳои хоси хатарҳои иттилоотӣ дар сарчашмаҳо ва адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ;

- муайян кардани асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши хатарҳои иттилоотии замони муосир;

− таҳлили заминаҳо ва сабабҳои пайдоиши хатарҳои иттилоотӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI;

− таҳлили вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI ;

- омӯзиш ва муқоисаи мавқеъҳо ва бардоштҳои кишварҳои минтақа дар муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ;

- мушаххассозии самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар самти мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ;

- муайян намудани дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ.

Объекти таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили заминаҳои пайдоиши таҳдиду монеаҳо, мушкилот ва чолишҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба фазои иттилоотии кишварҳои минтақа аст.

Предмети таҳқиқот таҳлил ва таснифи хатарҳои иттилоотӣ, моҳият ва паёмадҳои он ба фазои кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 1991–2025-ро дар бар мегирад. Кори илмиву таҳқиқотӣ дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот аз замони мустақил шудани Тоҷикистон то соли 2025-ро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, назарияҳои маъруфи илми равобити байналмилал дар бораи амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва масоили дигари марбут ба мавзуъ ташкил медиҳанд. Асосҳои методологии таҳқиқот аз усул ва равишҳои системавӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва пешгӯии илмӣ, таҳлил ва баҳогузориҳо таркиб ёфтааст.

Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот. Дар таҳқиқоти илмӣ як силсила сарчашмаҳо истифода гардидаанд, ки ба таври зерин гурӯҳбандӣ шудаанд:

Гурӯҳи аввалро осори илмӣ, суханрониҳо [23; 24; 20; 78; 25; 21] ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Э. Раҳмон ташкил медиҳанд [26; 22; 69; 27; 15; 26]. Паёмҳои солона ва суханрониҳои Пешвои миллат Э. Раҳмон фарогири самтҳои гуногуни масъалаи амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, пешгирии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористию ифротӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва таъсири он ба раванди маърифатгардонии ҷавонон, компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ, таъмини дастёбии ҷавонон ба интернет, ташкили китобхонаҳои электронӣ ва таълимоти фосилавӣ, шиносонидани насли наврас бо технологияҳои муосири иттилоотиву иртиботӣ ва амсоли онҳо мебошад.

Гурӯҳи дуюми сарчашмаҳоро санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва расмӣ ташкил медиҳанд, ки ба он қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» [8], «Дар бораи иттилоотонӣ» [9], «Дар бораи ҳифзи иттилоот» [12], Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4], Консепсияи сиёсати

иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] ва ғайра дохил мешаванд [10; 7; 14; 13; 6; 11; 5; 17; 1; 18; 2; 19].

Гурӯҳи сеюмро нашрияҳои оморӣ, маълумотӣ ва маҷмӯи санадҳои дигари расмӣ ташкил медиҳанд [77; 73; 71; 74; 79; 66; 81; 68; 16; 80; 70]. Гуфтанист, ки омӯзиши асноди меъёрию ҳуқуқии расмӣ дар доираи ИДМ, СҲШ, СААД ва истифодаи васеи маводи гуногуни электронӣ аз сомонаҳои расмӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба таҳдиду чолишҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил, муқоиса ва ҷамъбандӣ карда шаванд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки мавзуи хатари иттилоотӣ ва таъсири он ба фазои иттилоотии кишварҳои минтақа, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмии кишвар пурра таҳқиқ ва коркард нашудааст ва айни замон дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад.

Навгониҳои илмӣ дар шакли зерин пешниҳод мегарданд:

- мафҳуму моҳият ва ҳудуди семантикии хавфи иттилоотӣ таҳлил шуда, методологияи равиши ягонаи омӯзиши ин масъала пешниҳод карда шуд;
- омилҳо ва заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои иттилоотӣ дар ибтидои қарни XXI, инчунин сабабҳои асосии паҳншавии онҳо дар Осиёи Марказӣ муайян ва мушаххас карда шуданд;
- вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, равиш ва бардоштҳои хоси кишварҳои минтақа дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ таҳлил ва муқоиса карда шуданд;
- самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ (таҳлил карда шуданд;
- мушкилот ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили муқовимати муназзам ва самаранок алайҳи хатарҳои иттилоотӣ нишон дода шуданд;
- дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ бо назардошти таҷрибаи ҳосилшуда таҳлил карда шуданд;

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Мавзуи хатарҳои иттилоотӣ дар заминаи бунёд ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар стратегияи сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI мақоми хоса касб кардааст. Бо назардошти рақамисозии босуръат, рушди фазои киберӣ ва афзоиши ҷараёни иттилооти фаромарзӣ, масъалаҳои ҳифзи соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи рӯзномаи амнияти минтақавӣ ва миллӣ табдил меёбанд. Ин масъала дар маркази диққати доираи васеи муаррихон, сиёсатшиносон, мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмиллаӣ мебошад. Аммо, сарфи назар аз афзоиши таваҷҷуҳи илмӣ ва коршиносон, то ҳол дар адабиёти таълимӣ ва амалӣ равиши ягона ва универсалӣ ба мафҳуми «хатарҳои иттилоотӣ» таҳия нашудааст. Тафсири он норавшан ва зиддиятнок боқӣ мемонад, ки ташаккули стратегияи ҳамаҷонибаи вокуниш ба чунин таҳдидҳоро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ мушкил мекунад.

Набудани возеҳи методологӣ оид ба хусусияти хатарҳои иттилоотӣ ба таҳияи механизмҳои самарабахши ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ монеъ мешавад. Ин махсусан барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки сатҳи осебпазирии фазои иттилоотӣ баланд боқӣ монда, механизмҳои институтсионалии ҳифз дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд, дахл дорад. Дар ин замина зарурати дарки илмии дастгоҳи консептуалӣ ва таҳияи асосҳои дақиқи назариявии таҳлили таҳдидҳои иттилоотӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

2. Соҳаи иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо як қатор хусусиятҳои хоси вобаста ба тафовут дар сатҳи рушди системаҳои миллии иттилоотӣ, сохторҳои институтсионалӣ, дараҷаи рақамикунонӣ, инчунин заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии танзими фазои иттилоотӣ тавсиф мешавад. Дараҷаи фарҳанги иттилоотӣ дар ҳар як кишвари алоҳида низ, аз ҷумла ҷузъҳои институтсионалӣ ва оммавии дарки иттилоот, ки бевосита ба устувории ҷомеа ба таъсири иттилоотии беруна таъсир мерасонад, аҳаммияти калон дорад.

Ин тафовутҳо гуногунрангии бархӯрдҳои давлатҳои минтақаро барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ муайян кардааст. Ҳар як давлати Осиёи Марказӣ стратегияи худро дар асоси афзалиятҳои миллӣ, сохтори сиёсӣ, сатҳи рушди технологӣ ва дастурҳои сиёсати хориҷӣ таҳия мекунад. Дар натиҷа, барои вокуниш ба мушкилоти иттилоотӣ муносибати ягона вуҷуд надорад ва натиҷаҳои бадастомада ҳам аз ҷиҳати самаранокӣ ва ҳам аз ҷиҳати миқёси татбиқ фарқ мекунанд.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз хусусиятҳои миллӣ, ҳамаи кишварҳои минтақа таҳдиди умумии марбут ба таъсири иттилоотӣ, таблиғоти таҳрибкорона, таҳдидҳои киберӣ ва дахолат ба равандҳои иттилоотӣ аз берунро эътироф мекунанд. Ин барои тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии талошҳо дар чаҳорчӯби шаклҳои бисёрҷониба, аз ҷумла СААД, СҲШ, инчунин созишномаҳои дуҷониба миёни кишварҳои минтақа имкон фароҳам меорад.

3. Дар баробари дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ соҳаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор хатарҳо ва чолишҳо рӯбарӯ аст, ки дар байни онҳо таҳдидҳои иттилоотӣ бештар намоён мешаванд. Дар шароити афзояндаи осебпазирии фазои иттилоотӣ, ин таҳдидҳо ҳамчун катализатор ва омили нерӯбахши равандҳои дигари бесуботкунанда баромад мекунанд. Аз ҷумла, онҳо ба тезу тунд шудани ихтилофҳои этникӣ ва сарҳадӣ мусоидат намуда, мушкилоти дастрасӣ ба захираҳои обро мушкил мегардонанд, таъсири ифротгароии динию сиёсиро афзоиш дода, дар самтҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, қочоқи маводи мухаддир ва фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии фаромиллӣ хатарҳои иловагӣ ба вуҷуд меоранд.

Ҳамин тариқ, амнияти иттилоотӣ ба як масъалаи фарогир табдил меёбад ва онро на танҳо ҳамчун як соҳаи мустақили сиёсати давлатӣ, балки ҳамчун ҷузъи асосии таҳияи стратегия ва барномаҳои таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ баррасӣ кардан лозим аст. Ин тақозо мекунад, ки ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, марказҳои таҳлилӣ ва шарикони байналмилалӣ дар раванди таҳияи вокунишҳои ҳамаҷониба ба чолишҳои муосир омили иттилоотиро ба инобат

гиранд. Нодида гирифтани ин муносибат метавонад боиси нодида гирифтани таъсири таъсири иттилоотӣ ба суботи иҷтимоию сиёсии кишвар ва дар маҷмуъ дар минтақа гардад.

4. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи бесобиқаи доираи таҳдидҳои иттилоотӣ, ки сарҳади давлатиро ба осонӣ паси сар мекунанд, зарурати вокуниши дастаҷамъона ба ин чолишҳо рӯз то рӯз равшантар мегардад. Хусусияти фаромарзии ҳамлаҳои иттилоотии муосир, суръати баланди паҳншавии онҳо ва қобилияти таъсир расонидан ба суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳо зарурати эҷоди механизмҳои устувори ҳамкории байнидавлатиро дар соҳаи амнияти иттилоотӣ муайян мекунад. Маҳз ҳамин воқеиятҳо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таҳия ва татбиқи шаклҳои дастаҷамъонаи муқовимат ҳавасманд кардаанд. Тоҷикистон дар чаҳорчӯби сохторҳои бисёрҷониба, аз қабили СҲШ, СААД, инчунин дар сатҳи дуҷониба дар таҳияи механизмҳои табодули иттилоот, мониторинги муштарак, ҳамоҳангсозии амнияти киберӣ ва бунёди заминаи ягонаи меъёрии ҳуқуқии мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ фаъолона иштирок мекунад. Таъсиси чунин институтҳо ва платформаҳои ҳамкорӣ на танҳо ба баланд бардоштани устувории системаҳои амнияти миллӣ, балки ба ташаккули стратегияи дастаҷамъии минтақавӣ, ки қодир ба вокуниши муассир ба чолишҳои ҳам сохторҳои харобиовари ғайридавлатӣ ва ҳам субъектҳои эҳтимолии сиёсати хориҷӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи таъсири геополитикӣ равона шудааст.

5. Дар шароити геополитикии муосир субъектҳои беруна барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии худ тамоми арсенали технологияҳои иттилоотии муосирро фаъолона истифода мебаранд. Дар ин раванд воситаҳои фишори психологӣ, таъсири иттилоотӣ-тарғиботӣ, инчунин воситахои ахборотию техникии таъсиррасонӣ ба системаҳои ниҳоят муҳим мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Фазои иттилоотӣ ба майдони муқовимати ниҳон табдил меёбад, ки дар доираи он кӯшишҳо барои таҳқири шуури ҷамъиятӣ, коста кардани эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ ва ноором кардани вазъи сиёсии дохилӣ сурат мегиранд. Усулҳои иттилоотӣ ва равонӣ ва иттилоотию таблиғотӣ ба ташаккули муносибатҳои зарурии рафторӣ ва идеологӣ нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки воситаҳои иттилоотӣ ва техникӣ барои халалдор кардани фаъолияти инфрасохторҳо, ихроҷи маълумот ва гузаронидани ҷосусии киберӣ истифода мешаванд. Ҳамаи ин шаклҳои таъсир дар доираи стратегияҳои гибридӣ истифода мешаванд, ки аз давлатҳо, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ тақозо мекунад, ки ба таҳкими амнияти иттилоотии худ ва таҳияи механизмҳои устувори муқобила таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд.

6. Дар шароити воқеияти ҷаҳонии муосир таъмини сатҳи муносиби амнияти миллӣ вокуниши саривақтӣ ва муассирро ба таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, ки метавонанд ба манфиатҳои ҳаётии шахсият, ҷомеа ва давлат зарар расонанд, тақозо менамояд. Фазои иттилоотӣ ҳамчун як соҳаи нави стратегӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми сатҳҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ табдил ёфта, онро ба доираи васеи таъсироти харобиовар осебпазир месозад.

Вобастагии мутақобилаи шабакаҳои глобалии компютерӣ ва осебпазирии баланди онҳо ба намудҳои гуногуни дахолат - ҳам қасдан ва ҳам тасодуфӣ - барои истиқлолияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон хатарҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд. Оқибатҳои чунин таъсирҳо метавонанд аз ҳамлаҳои киберӣ ба иншооти муҳими инфрасохторӣ то маъракаҳои васеъмиқёси иттилоотӣ ва таблиғотӣ, ки ба ноором кардани вазъи сиёсии дохилӣ нигаронида шудаанд, фарқ кунанд.

Аз ин лиҳоз, зарурати таҳия ва пайваста такмил додани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои иттилоотӣ махсусан муҳим мегардад. Чунин заминаи ҳуқуқӣ бояд ҳам ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва ҳам хусусиятҳои муҳити миллии иттилоотиро ба назар гирифта, мувозинати байни таъмини амният ва эҳтироми принсипҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсонро таъмин намояд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар фаъолияти касбии мутахассисон дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсатшиносӣ, фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ ва журналистика бо мақсади баланд бардоштани самаранокии рушди низоми амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид будани худро собит созанд. Муқаррароти аслӣ, дастурамалҳо, хулосаву тавсияҳои илмӣ дар мавзуи таҳқиқотӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ ва заминаи таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, мушкилоти ниҳодҳои сохторие, ки ин гуна фаъолиятро дар фазои иттилоотии кишвар татбиқ менамоянд, хизмат намояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дақиқ будани маълумотҳо, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба шиносномаи ихтисоси 6D020201 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Таҳия, асосноккунӣ, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти шахсии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи корӣ илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ гардидаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди роҳҳои омӯзиш ва таҳлили хатарҳои иттилоотӣ дар шароити афзоиш ва густариши таҳдидҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва дар робита ба ин, тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ дар бахшҳои техникӣ ва сиёсӣ инъикос ёфта, имконият ва роҳҳои рушди низоми амнияти иттилоотиро нишон додааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои рисола дар марҳилаҳои гуногуни иҷрои он амалӣ карда шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима шуда, барои ҳимояи ошкоро пешниҳод гардидааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ба табъ расонидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи рисола мубрамӣ ва аҳаммияти тадқиқот, дараҷаи омӯзиши илмии он, ҳадаф ва вазифаҳои асосӣ, чаҳорчӯбаи хронологӣ, объект ва предмети тадқиқот, заминаи методологии рисола, заминаи сарчашмавӣ, навоварии илмии кор, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, инчунин натиҷаҳои тадқиқот бозгӯ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия “**Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши мафҳуми хатарҳои иттилоотӣ”** номгузорӣ шуда, зербоби аввали он ба “Мафҳум ва мушаххасоти хатарҳои иттилоотӣ дар адабиёти илмӣ” бахшида шудааст.

Дар ибтидои асри XXI бо тағйироти куллӣ дар сохтори муносибатҳои байналмилалӣ ва паҳншавии ҷаҳонишавӣ, ҳамзамон бо рушди технологияҳои рақамӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ, воқеияти нави геополитикӣ – геополитикаи иттилоотӣ ташаккул ёфт. Соҳаи иттилоот ба майдони рақобат ва ҳамлаҳои иттилоотӣ байни давлатҳо, корпоратсияҳо ва сохторҳои ғайридавлатӣ табдил ёфт. Дар ин шароит, таҳдидҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳо пайдо шуданд, ки бо мақсади дастёбӣ ба мавқеи бартарӣ дар фазои иттилоотӣ ва идоракунии шуури ҷамъиятӣ истифода мегарданд.

Таҳдидҳои иттилоотӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонанд ба паст задани арзишҳои суннатии иҷтимоӣ, аз байн рафтани ҳувияти миллӣ, вайрон кардани низоми сиёсӣ ва тамомияти арзии давлат равона шаванд. Дар ин замина таҳқиқи усулу равишҳои нави муқобила бо хатарҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳо аҳамияти калон пайдо мекунад.

Манбаъҳои хатарҳои иттилоотӣ ба дохилӣ ва берунӣ тақсим мешаванд. Хатарҳои дохилӣ, аз қабили хатогии истифодабарандагон, мушкилоти таъминоти барномавӣ ва таҷҳизотӣ, боиси осебпазирӣ мешаванд. Хатарҳои берунии асосӣ вирусҳо, барномаҳои зараровар, дастрасии ғайриқонунӣ ва

фалокатҳои табиӣ мебошанд. Хатарҳои иттилоотӣ вобаста ба усулу воситаҳои таъсиргузорӣ ба категорияҳои гуногун, аз ҷумла радиоэлектронӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилотӣ ҷудо мешаванд.

Хатари иттилоотӣ ҳамчун амале ё иқдоме фаҳмида мешавад, ки метавонад боиси таҳрир, таҳриф ё истифодаи ғайриқонунии иттилоот, инчунин вайроншавии махфият, тамомият ва дастрасии маълумот гардад. Ҳамин тавр, хатарҳои иттилоотӣ натанҳо аз ҷиҳати технологӣ (тасодуфӣ ё барқасдона) балки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ аҳамияти махсус доранд.

Дар адабиёти илмӣ таъриф ва таснифи хатари иттилоотӣ ба фаҳмиши умумии хавфҳои таъсиррасон ба низоми иттилоотӣ ва шинохти ҷанбаъҳои осебпазирӣ ва чораҳои муқобила бо онҳо мусоидат мекунад. Ин барои ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва устувории сиёсати дохилӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти стратегӣ дорад ва ҳамоҳангсозии талошҳои давлат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкорони байналмилалиро талаб менамояд. Дар ин самт чунин тадбирҳо зарур аст:

1. Қонунгузории миллӣ бояд бо меъёрҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шуда, ҷиҳатҳои амнияти иттилоотӣ ва мубориза бо киберҷиноятҳоро ба таври дақиқ ва мукаммал танзим намояд.
2. Инфрасохтори техникии амниятӣ ва технологияи киберҳимоя мунтазам навсозӣ ва такмил дода шавад, бо истифода аз таҷриба ва дастовардҳои навини ҷаҳонӣ.
3. Мутахассисони соҳаи киберӣ ва амнияти иттилоотӣ тайёр ва омода гардонида шуда, барномаҳои таълимӣ ва бозомӯзии доимӣ барои афзоиши сатҳи саводнокӣ ва малакаи касбӣ бояд татбиқ шаванд.
4. Ташкилоти махсуси зиддикиберӣ ва таҳлилгарони таҳдидҳои иттилоотӣ таъсис дода шуда, ҳамоҳангӣ бо хадамоти амниятӣ ва иттилоотӣ мустаҳкам гардад.
5. Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани маърифати иттилоотӣ ва ВАО дар байни аҳолӣ барои муқовимат бо маълумоти бардурӯғ ва таблиғоти манипулятивӣ зарур аст.
6. Ҳамкории байналмилалӣ бо созмонҳои мухталифи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ ва киберҷиноятҳо тақвият дода шавад.

Ҳамин тариқ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва киберӣ дар шароити муосир як масъалаи стратегӣ барои амнияти миллӣ ва суботи сиёсии Тоҷикистон мебошанд, ки бар асоси таҳлили илмӣ ва амалии муносибатҳои байналхалқӣ бояд бо сиёсати ҳамаҷониба ва усулҳои муосири идоракунӣ ҳаллу фасл карда шаванд.

Зербоби дуюми боби аввал **“Асосҳои методологии таҳқиқи хатарҳои иттилоотии муосир дар Тоҷикистон”** номгузорӣ шуда, ба ҷанбаҳои муҳими марбут ба вазъи амнияти иттилоотӣ дар ин кишвар дахл мекунад. Фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба таҳдиди ҳамлаҳои шадиди иттилоотӣ аз манбаъҳои дохилӣ ва беруна дучор аст. Хатарҳои иттилоотӣ метавонанд ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо шаванд: таҳдидҳо ба ҳуқуқ ва озодиҳои

инсон дар соҳаи маънавӣ ва иттилоотӣ, хатарҳо ба низоми таъмини иттилоотии сиёсати давлат ва хатарҳо ба низомҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳудуди кишвар.

Манбаъҳои хатарҳои беруна асосан ташкилоту давлатҳои хориҷӣ, гурӯҳҳои террористӣ ва рақобатҳои байналмилалӣ мебошанд, ки ҷанги иттилоотиро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ истифода мебаранд. Манбаъҳои дохилӣ, аз ҷумла, сатҳи пасти қонунгузорӣ, заифии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, маблағгузории кам ва нарасидани кадрҳои тахассусӣ ба таъмини амнияти иттилоотӣ халал мерасонанд.

Таҳқиқи хатарҳои иттилоотӣ бояд дар доираи таҳлили ҳамаҷониба ва мувозинаи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон сурат гирад. Дар ин росто, сиёсати иттилоотии кишвар бо мақсади ҳифзи истиқлолият ва амнияти миллӣ таваҷҷуҳи махсус мехоҳад, ки дар он ҳам таъсири дипломатияи иттилоотӣ, ҳам рушди воситаҳои иттилоотӣ ва ҳам ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳо муҳим мебошад.

Мафҳуми таҳдидҳои иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонӣ, шаклҳои навъи иттилоот ва ҷанги иттилоотӣ зарурати ташаккули низоми мустаҳками амнияти иттилоотӣ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ва сохторҳои масъулро тақозо мекунад. Ҳамчунин, истифодаи васеи воситаҳои муосири интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар бархӯрдҳои сиёсиву иҷтимоӣ нақши марказӣ доранд, таъкид мекунад, ки усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо хатарҳо бояд таҳқиқ ва такмил дода шаванд.

Дар маҷмуъ, таҳлили хатарҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон бояд дар чаҳорчӯбаи таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ, хусусиятҳои фазои иттилоотии муосир ва вазифаҳои сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллӣ сурат гирад, то барои ҳифзи устувории давлат ва манфиатҳои миллии кишвар заминаи илмӣ ва амалии қавӣ фароҳам оварад.

Бештаре аз ин, дар шароити муосири муноқишаҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, зарурати ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ ва тавсеаи ҳамкории байналмилалӣ бештар бармеояд. Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дар ин раванд фаъолона иштирок намуда, системаи амнияти иттилоотии худро бо истифода аз таҷрибаҳои беҳтарин ва стандартҳои байналмилалӣ таҳким бахшад.

Дар амалисозии ин вазифаҳо аҳаммияти баланд доштани таҳлили мукаммали фазои иттилоотӣ ва қабули чораҳои фаврӣ ҳангоми пайдоиши таҳдидҳои иттилоотӣ ва кибернӣ ба назар мерасад. Инчунин, баланд бардоштани маърифати кибериии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ва кормандони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ, аз омилҳои муҳими пешгирии таҳдидҳо мебошад.

Ташаккули фарҳанги масъулиятноки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ва густариши самтҳои ҳамкории байнисоҳавӣ – аз ҷумла миёни мақомоти қудратӣ, хадамоти амниятӣ, мутахассисони соҳа ва ҷомеаи шаҳрвандӣ – бояд дар маркази стратегияҳои миллии амнияти иттилоотӣ қарор гирад.

Ҳамзамон, таъсиси ва рушди пойгоҳҳои миллии киберҳушёрӣ, марказҳои вокуниш ба ҳодисаҳои киберӣ ва системаҳои пешрафтаи мониторинг ва таҳлили таҳдидҳои иттилоотӣ дар сатҳи давлатӣ ва бахшҳои муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ зарур аст. Ин механизмҳо бояд на танҳо барои муқовимат бо ҳамлаҳои техникӣ, балки барои бартараф намудани таъсироти иҷтимоӣ ва равонии иттилоотии душманона низ самаранок кор кунанд.

Дар доираи сиёсати амнияти иттилоотӣ бояд равишҳои комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳия шаванд, ки ҷанбаҳои техникӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро дар бар гиранд. Аз ҷумла, таҳияи қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ, ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои ҷиноятҳои киберӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ, ҳамчунин муқаррар кардани стандартҳои ҳифзи маълумот ва махфият дар ширкатҳо ва ташкилотҳо муҳим мебошанд.

Бо таваҷҷуҳи хоса ба таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ, ки метавонанд боиси нооромӣ ва паст задани эътимоди шаҳрвандон ба давлат ва сохторҳои он гарданд, бояд рушди технологияи вокуниш ва пешгирии таҳдидҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ҳамчун яке аз авлавиятҳои стратегии миллӣ баррасӣ шавад.

Дар маҷмӯъ, таҳкими амнияти иттилоотӣ дар шароити муосир, ки фазои иттилоотӣ ва рақамӣ доимӣ тағйир ёфта, таҳдидҳо низ пайваста мутобиқ мешаванд, танҳо бо сиёсати устувор, ҳамкории пуррамиқёс ва истифодаи технологияҳои пешрафта муваффақ хоҳад шуд. Ин равиш на танҳо барои ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ, балки барои таъмини рушди устувор ва бехатарии ҷомеаи Тоҷикистон дар оянда замина мегузорад.

Боби дуюми рисола, ки **«Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ: махсусият ва мушкилоти он»** ном дорад, бо таҳлили вазъият ва мавқеи фазои иттилоотии минтақа оғоз мешавад. Дар зерфасли аввал, ки **“Вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ**” унвон шудааст, динамикаи рушди инфрасохтори иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар пасманзари дигаргуниҳои густардаи сиёсӣ ва иқтисодӣ амиқтар шудааст.

Дар оғози асри XXI, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи тағйироти глобалии сиёсӣ ва технологӣ рӯ ба густариши фазои иттилоотӣ оварданд. Бо вуҷуди рушди босуръати интернет ва афзоиши истифодабарандагони он, минтақа бо таҳдидҳои нави иттилоотӣ, аз ҷумла ҷангҳои иттилоотӣ, фишорҳои идеологӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва паҳншавии маводи иғвогарона рӯбарӯ гашт. Ҳадафи чунин таҳдидҳо асосан заъифсозии суботи сиёсии кишварҳо, халалдор кардани амнияти иттилоотӣ ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа мебошад.

Дар Тоҷикистон, бо қабули Консепсияи амнияти иттилоотӣ (2003) ва Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ (2008) қадамҳои аввал дар роҳи танзими фазои иттилоотӣ гузошта шуданд. Аммо, то имрӯз қонуни махсус дар бораи амнияти киберӣ қабул нашудааст ва вокуниш ба таҳдидҳои нав маҳдуд боқӣ мемонад. Сатҳи пасти саводнокии рақамӣ, норасоии мутахассисон ва камбуди инфрасохтор ин вазъро душвортар мегардонад.

Дар дигар кишварҳои минтақа, ба мисли Узбекистон ва Қазоқистон, стратегияҳо ва қонунгузориҳои мушаххас қабул шудаанд. Соли 2022

Узбекистон қонуни “Дар бораи амнияти киберӣ”-ро ба тасвиб расонд ва ташкили шабакаи ягонаи минтақавӣ барои муқовимат ба кибертерроризмро пешниҳод кард. Қазоқистон бошад, бо қабули барномаҳои муосир ва таъсиси марказҳои киберамниятӣ дар ин самт пешсаф аст. Аз ҷумла, гурӯҳҳои хакерии Clone-Security ва амалиёти ҷосусии «Paperbug» дар солҳои охир нишон доданд, ки фазои иттилоотии минтақа зери фишори ҳамлаҳои муназзам қарор дорад.

Форуми идоракунии интернети Осиёи Марказӣ (CAIGF), ки соли 2016 бо ташаббуси СММ таъсис ёфт, кӯшиш дорад ҳамкориҳоро байни бахшҳои давлатӣ, хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ густариш диҳад. Аммо, нобаробарии иштироки бахшҳо ба коҳиши самаранокии муборизаи минтақавӣ бо таҳдидҳо оварда расондааст.

Омилҳои иқтисодӣ ва техникӣ низ рушди фазои рақамиро маҳдуд мекунанд. Аз ҷумла, суръати пасти интернет, нархи баланди хизматрасонӣ, нобаробарии дастрасӣ байни деҳоту шаҳр ва камбуди шабакаҳои муосир боиси фарқияти рақамӣ дар минтақа гардидааст. Масалан, соли 2022 сатҳи истифодаи интернет дар Қазоқистон 86%, дар Қирғизистон 55%, дар Узбекистон 50,1%, дар Тоҷикистон 30,4% ва дар Туркманистон 25,3%-ро ташкил медод.

Пандемияи COVID-19 ин равандҳоро шадидтар кард, зеро баста шудани сарҳадҳо ва афзоиши фаъолияти онлайнӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ имконият фароҳам овард, ки фаъолияти таблиғотии худро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бештар кунанд.

Аз соли 2011, кишварҳои минтақа тавассути созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ба мисли СҲШ ва САД, талош доранд, ки платформаҳои ҳамкорӣ барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва киберамният таъсис диҳанд. Қатъномаи пешниҳодкардаи кишварҳои СҲШ ба СММ дар соли 2011 ва ташаббуси Қазоқистон оид ба ташкили гурӯҳи коршиносон оид ба кибертерроризм далели ҷиддии аҳаммияти ин масъала мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва киберӣ дар Осиёи Марказӣ ба як масоили стратегии сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллӣ табдил ёфтаанд. Ҷавоби муассир ба ин таҳдидҳо танҳо тавассути ҳамкории минтақавӣ, таҳияи заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ, омодасозии мутахассисон, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва тақвияти инфрасохтори рақамӣ имконпазир аст. Танҳо бо истифодаи таҷрибаи мутақобила ва ҳамгироии сиёсӣ метавон аз паёмадҳои манфии ин равандҳо ҷилавгирӣ кард ва амнияти иттилоотии кишварҳоро таъмин намуд.

Ҳамин тариқ, таҳлили фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ дар солҳои 2000-2020 нишон медиҳад, ки рушди технологияи иттилоотӣ ҳам имкониятҳо ва ҳам таҳдидҳои ҷиддиро барои устувории сиёсии ва иқтисодии минтақа эҷод намудааст ва тақозои ҳамкории мустаҳкам ва истифодаи стратегияи самараноки иттилоотӣ барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва рақамии кишварҳои минтақа мебошад.

Дар зерфасли дуюми боби дуюм, ки **«Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ: равишҳо ва мушкилиҳои кишварҳо»** ном дорад, мушкилоти кунунии кишварҳои ин минтақаро дар заминаи амнияти иттилоотӣ баррасӣ мекунад. Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар соли

1991, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо таҳдидҳои нав ба амнияти миллии худ рӯ ба рӯ шуданд. Дар баробари мушкилоти амниятӣ, аз қабили ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккил ва қочоқи маводи мухаддир, дар даҳсолаи охир хатари кибертерроризм ва ҳамлаҳои иттилоотӣ ба фазои маҷозӣ ба як падидаи ҷиддӣ табдил ёфт.

Масъалаи амнияти иттилоотӣ ва киберӣ, ки дар ҷаласаи байналхалқии 27 феврали соли 2019 дар Тошканд баррасӣ шуд, ба унвони як ҷузъи муҳими амнияти минтақавӣ пазируфта шуд. Дар ин ҳамоиш коршиносони минтақа ва намояндагони мақомоти давлатӣ ба зарурати таҳияи қонунгузорӣ, ташкили ҳамкориҳои амниятии минтақавӣ ва омода намудани мутахассисон таъкид карданд. Таҳлили фаъолиятҳои кишварҳо нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Узбекистон бо ташкили шуъбаи вижа дар Вазорати корҳои дохилӣ ҷиҳати пешгирии терроризми киберӣ қадамҳои назаррас гузоштааст. Дар Тоҷикистон, ҳарчанд равандҳои рақамигардонӣ фаъолона пеш мераванд, мавқеи кишвар дар рӯ ба рӯйи ҳамлаҳои хакерӣ осебпазир боқӣ мондааст. Мутобиқи баъзе маълумотҳо, зиёда аз 84% ҷавононе, ки ба гурӯҳҳои террористӣ, аз ҷумла ДОИШ, шомил шудаанд, тавассути интернет ҷалб гардидаанд.

Хусусияти калидии кибертерроризм қобилияти он ба расонидани зарар ба инфрасохтори муҳими миллӣ, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, низоми бонкӣ ва бахшҳои энергетикӣ мебошад. Ҳамзамон, таблиғоти ифротгароёна бо истифода аз забонҳои маҳаллӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ афзоиш ёфтааст, ки нишонаи кӯшиши густариши таъсири идеологӣ ва фарогирии бештари аудитория мебошад.

Тибқи таҳқиқоти соли 2023, беш аз 26% киберҳамлаҳо дар сатҳи Осиё ба ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ рост меояд. Ин омор шаҳодат медиҳад, ки фазои иттилоотӣ дар минтақа ба суръат ба майдони ҷангҳои геополитикӣ ва идеологӣ мубаддал мешавад.

Дар шароити афзоиши ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳамлаҳои гибридӣ, давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд дар якҷоягӣ барои таъмини амнияти рақамӣ ва иттилоотии минтақа чораҳои муштарак андешанд. Аз ибтидои солҳои 2010, ва махсусан баъд аз қабули «Стратегияи амнияти иттилоотӣ» дар соли 2017**,** давлатҳои минтақа тадриҷан ба ташаккули механизми муштараки муқовимат ба таҳдидҳои рақамӣ ва иттилоотӣ шурӯъ намуданд.

Моҳияти равандҳои ҷорӣ дар ду сатҳ татбиқ мегардад: аввал, ҳамгироии минтақавӣ**,** ки дар он кӯшиши ташкили Шӯрои амнияти киберии ОМ ва барномаҳои муштарак дар самти тайёр кардани кадрҳои тахассусӣ анҷом дода шуд ва дуюм, ҳамкориҳои байналмилалӣ**,** ки дар он давлатҳои минтақа бо кишварҳои «парчамбардори рақамӣ» – Русия, Чин, ИМА ва кишварҳои ИА дар бахши мубориза бо ҷиноятҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ робита барқарор намуданд.

Сабабҳои таҳдид на танҳо хусусияти хориҷӣ доранд (амалкарди хадамоти махсус, созмонҳои ифротгаро, таҳдидҳои геополитикӣ), балки решаҳои дохилии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ низ доранд: мавҷудияти камбизоатӣ, нобаробарии рақамӣ, коррупсия, бекорӣ ва коҳиши эътимоди

ҷавонон ба институтҳои давлатӣ. Зуҳури ифротгароӣ ва киберэкстремизм низ аз ҳамин омилҳо маншаъ мегирад.

Президенти Тоҷикистон дар соли 2003 бо фармони худ «Дар бораи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди ҷумҳурӣ» ва дар соли 2004 таҳти қарори Ҳукумат №468 «Барномаи рушди ТИК»-ро қабул намуд, ки дар асоси он рушди инфрасохтори рақамӣ ва такмили низоми қонунгузорӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон, дар соли 2016 бо фармони №622 аз 12 ноябр «Стратегияи миллии мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2020» таҳия гардид, ки ба мубориза бо киберэкстремизм ва паҳншавии идеологияи ифротгароӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хоса дод.

Муқовимати давлатҳои Осиёи Марказӣ ба таҳдидҳои иттилоотӣ бе муколама ва ҳамоҳангии самараноки дохилиминтақавӣ душвор мемонад. Дар натиҷаи мавҷуд будани ихтилофоти сиёсиву марзӣ, набудани эътимоди байнидавлатӣ ва норасоии таҷрибаи ҳамкории амниятии рақамӣ, раванди ҳамгироии иттилоотӣ дар минтақа суст ҷараён дорад. Чунин норасоии ҳамоҳангсозӣ дар пасманзари таҳдидҳои афзояндаи киберҷинояткорӣ ва истифодаи ТИК аз ҷониби созмонҳои террористӣ (монанди «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Ҳаракати исломии Узбекистон») ба амнияти минтақа хатар ворид мекунад.

Бештари таҳдидҳо шакли иттилоотии дар ниқоби мазҳабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ гирифта, тавассути интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и рақамӣ амалӣ мешаванд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ, ҳамчун ҷузъи сиёсати хориҷии мудофиа ва амнияти миллӣ арзёбӣ мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси воҳидҳои махсус дар Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои мубориза бо киберэкстремизм, инчунин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» (2.01.2020) намунаи равшани вокуниши давлат ба таҳдидҳои рақамии муосир мебошад.

Ҳамзамон, нақши соҳаи маориф, махсусан ворид кардани фанҳои нави диншиносӣ ва таҳаммулгароӣ, ба барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна, яке аз ҷанбаҳои асосии мубориза бо ифротгароӣ дар сатҳи идеологӣ ба ҳисоб меравад. Барномаҳои таҳқиқотии таҳлилӣ ва омӯзиши амиқи омилҳои ифротгароӣ, ки бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ амалӣ мешаванд, заминаи таҳияи сиёсати муассири зидди ифротгароӣ ва терроризмро фароҳам овардаанд.

Дар солҳои 2018-2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муқовимат бо ҷиноятҳои мураккаби иттилоотӣ ва терроризм стратегияи миллии худро таҳия ва татбиқ намуд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, таҳти рақами №1033 аз 5 марти соли 2018 «Консепсияи миллии мубориза бар зидди қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва барномаи «Барномаи рафъи таҳдидҳо барои солҳои 2018-2025» қабул шуд, ки самтҳои мубориза бо истифодаи технологияи иттилоотӣ барои таблиғ ва маблағгузории гурӯҳҳои ифротӣ ва террористиро муайян намуд. Дар доираи ин барнома

кодекси ҷиноятии Тоҷикистон бо моддаҳои нав оид ба ҷазо барои ҷиноятҳои террористӣ такмил ёфт, сохторҳои прокуратура ва хадамотҳои оперативӣ барои мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ тақвият дода шуданд.

Дар соли 2019 ҳукумати Тоҷикистон беш аз 300 шаҳрванди баргашта аз минтақаҳои даргириҳои Сурия, аз ҷумла 84 ноболиғро ба ватан баргардонд ва барояшон ёрии моддӣ ва равонӣ пешниҳод намуд. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла конфронси байналмилалии 4 майи 2018 дар Душанбе ва созишномаҳои СҲШ, мубориза бо хатарҳои иттилоотиро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати амнияти миллӣ эътироф намуд.

Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 равишҳои ҳамгирошудаи муқовимат бо истифодаи шабакаҳои интернет барои таблиғоти ифротӣ ва ҷалби шаҳрвандонро дар бар мегирад. Ин стратегия ҳамчунин ба ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ барои таҳкими амнияти иттилоотӣ ва мубориза бо истифодаи интернет дар мақсадҳои террористӣ аҳамияти махсус медиҳад. Барномаҳои мураккаби маблағгузории терроризм тавассути интернет, истифодаи криптовалютҳо, шабакаҳои қалбакии хайрия ва платформаҳои рақамӣ, инчунин таҳдидҳои киберҷиноятӣ, аз қабили фишинг ва ҳамлаҳои DDoS, ба таври ҷиддӣ мавриди омӯхтан ва муқовимат қарор гирифтаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳдидҳои ҷаҳонии киберӣ ва мушкилоти интернетӣ, Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ дар доираи Созишномаи СҲШ ва дигар созмонҳои минтақавӣ ҳамкорӣ мекунад, то ки воситаҳои пешгирӣ ва назорати амнияти иттилоотиро тақвият диҳад ва боиси афзоиши таъсири манфии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои ҳадафҳои террористӣ ва ифротгароӣ нашавад.

Аз ин рӯ, сиёсати амнияти иттилоотӣ ва мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун қисми муҳими сиёсати миллии амнияти кишварҳо дар шароити муосир нақши ҳалкунанда дорад ва дар баробари таъсири манфии омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар минтақа муборизаи муассирро талаб менамояд.

Дар шароити муосир барои таъмини амнияти иттилоотӣ дар Осиёи Марказӣ зарур аст, ки стратегияҳои мутамаркази давлатӣ таҳия ва амалӣ гарданд, ки дар он истифодаи технологияҳои нав, қонунгузории навсозишуда, омӯзиши мутахассисон ва ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ ба таври ҳамоҳанг ба назар гирифта шаванд. Танҳо тавассути чунин амалҳои ҳамаҷониба метавон ба таҳдидҳои доимоинкишофёбандаи киберӣ ва иттилоотӣ муқобилат кард ва суботи сиёсӣ ва амнияти минтақаро таъмин намуд.

Дар боби сеюми рисола, ки ба **«Самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ”** бахшида шудааст, имкониятҳои ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи амнияти иттилоотиро амиқ таҳлил мекунад. Дар зербоби якуми ин боб ба **“Самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ (ИДМ ва СҲШ)”** тамаркуз

шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки таҳдидҳои иттилоотӣ ва кибертерроризм яке аз чолишҳои муҳими амниятии минтақавӣ ба шумор рафта, мубориза бо онҳо на танҳо тадбирҳои миллӣ, балки ҳамкориҳои густурдаи бисёрҷонибаро тақозо менамояд.

Маркази зиддитеррористии ИДМ ҳамчун сохтори асосии ҳамоҳангсоз дар мубориза бо терроризм, аз ҷумла кибертерроризм, нақши калидӣ мебозад. Дар заминаи густариши истифодаи интернет аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ, таҳкими ҳамкории давлатҳо дар заминаи киберамният, мубодилаи иттилоот, баланд бардоштани иқтидори институтсионалӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст.

Барои муқовимати муассир ба кибертерроризм ва киберифротгароӣ ташкили фазои ягонаи иттилоотии минтақавӣ, тавсеаи имконоти техникӣ ва касбии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин таҳияи санадҳои ҳуқуқии мушаххасу мукаммал зарур мебошад. Дар ин росто, иштироки фаъолонаи кишварҳои минтақа дар платформаҳои байналмилалӣ ва машқҳои муштарак ҳамчун воситаи тақвияти амнияти маҷозӣ ва мубориза бо таҳдидҳои фаромарзӣ арзёбӣ мегардад. Дар асри ҷаҳонишавӣ воридшавии технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии давлатҳо таҳдидҳои нав ба низоми амнияти байналхалқиро ба миён овардааст. Аз ҷумла, таҳдидҳои асосӣ дар амнияти иттилоотии байналхалқӣ таҳти шаклҳои истифодаи силоҳи иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, терроризми иттилоотӣ, ҷиноятҳои иттилоотӣ, паҳн намудани иттилооти зараровар ва таҳдидҳо ба инфрасохтори иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд. Ин таҳдидҳо боиси ноустуворӣ дар сохторҳои давлатӣ ва таҳрикҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ мегарданд.

Дар чаҳорчӯби СҲШ масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ба таври ҷиддӣ баррасӣ шуда, ҳамкории мутақобила байни кишварҳои узв барои муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ ва ҳифзи фазои иттилоотӣ ба роҳ монда шудааст. Эъломияҳо ва созишномаҳои СҲШ, аз ҷумла «Нақшаи амал ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотии байналхалқӣ» ва «Қоидаҳои амал дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналхалқӣ», таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизми ҳамоҳангсозии кишварҳои узвро фароҳам оварда, таҷдиди фаҳмиши умумӣ ва ҳамкориҳои минтақавиро ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф кардани таҳдидҳо таъмин менамоянд.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ ва сатҳи байналмилалӣ ба таҳкими ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва баррасии масъалаҳои мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ саҳми назаррас дорад. Дар заминаи тағйироти глобалӣ ва авҷ гирифтани ҷангҳои иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури муҳими рақобатҳои сиёсӣ ва низомӣ таъкид шудааст, ки зарурати муттаҳидшавии талошҳои миллӣ ва минтақавиро барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва суботи сиёсӣ зери чолиш мегузорад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотии байналхалқӣ ҳамчун унсури муҳим ва мураккаби сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар назар гирифта мешавад. Аз аввали

соли 2000-ум таҳдидҳои иттилоотӣ, аз қабили истифодаи силоҳи иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, терроризми иттилоотӣ, ҷиноятҳои киберӣ, паҳн намудани иттилооти бардурӯғ ва ҳамлаҳои деструктивӣ ба инфрасохтори иттилоотӣ ба сатҳи нави таҳдидҳои фаромарзӣ ва сиёсӣ табдил ёфтанд.

Дар соли 2007 дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар шаҳри Бишкек нақшаи амал ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотии байналхалқӣ қабул шуд, ки ҳамкории минтақавиро барои муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ тарҳрезӣ намуд. Дар соли 2010 дар Екатеринбург аввалин эъломия ва созишномаҳои амниятии СҲШ оид ба амнияти иттилоотӣ қабул гардид, ки фаҳмиши умумӣ аз истилоҳот ва механизми ҳамоҳангсозии чораҳои муқовиматро таъмин намуд.

Дар соли 2013 дар ҳамоиши Бишкек роҳбарони кишварҳои СҲШ мувофиқат карданд, ки фазои ошкоро, шаффоф ва амнро дар соҳаи иттилоот ҳифз намоянд ва ба принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва ғайридахолат ба корҳои дохилии давлатҳо пойбанд бошанд. Дар соли 2014 дар Душанбе эъломияи душанбегӣ оид ба амнияти иттилоотии байналхалқӣ ба имзо расид, ки бо вуҷуди таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар фазои иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотиро барои таҳрики низоъҳо ва дахолат манъ мекунад.

Дар соли 2014 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамроҳии Россия, Узбекистон ва Чин дар сатҳи СММ мактуби расмӣ бо номи «Қоидаҳои рафтори давлатҳо дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналхалқӣ» пешниҳод кард, ки ҳарчанд он дар ибтидо дастгирӣ наёфт, аммо нишонаҳои фаъолиятҳои муштараки байналмилалӣ дар ин самтро нишон дод.

Ҳамкории кишварҳои СҲШ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ тавассути эҷоди механизми назорат, ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва таҳкими муҳити эътимод дар минтақа барои муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ равона шудааст. Таҳкими низоми фарогири амнияти иттилоотӣ дар сатҳи минтақавӣ ва глобалӣ, ки дар он ҳуқуқи инсон ва эҳтироми соҳибихтиёрӣ ҳамчун рукнҳои асосӣ шомиланд, вазифаи муҳими сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳадафи асосии кишварҳои узви СҲШ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳамкории самаранок дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ ва ҳифзи субот ва амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аст, ки бо назардошти ҳодисаҳои байналмилалӣ ва таҳаввулоти технологӣ рӯз ба рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад. Таҳқиқоти мо равишҳои нави ҳамкории байналмилалиро дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ, инчунин зарурати таҳкими низоми амнияти иттилоотии минтақавӣ ва глобалиро дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварҳо нишон медиҳад.

Зербоби дуюми боби сеюм ба таҳлили дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ бахшида шуда, мушкилотеро, ки барои минтақа рӯз то рӯз муҳимтар мегардад, тафсил мекунад. Дар асри XXI технологияи иттилоотӣ ҳамчун рукни муҳими рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва амнияти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Минтақаи Осиёи

Марказӣ аз аввали асри XXI бо афзоиши хатарҳои иттилоотӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки аз истифодаи ҷиноятқоронаи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамлаҳои киберӣ маншаъ мегирад. Аз соли 2000 то соли 2022 шумораи истифодабарандагони интернет дар минтақа аз 113 ҳазор то беш аз 42 миллион нафар афзоиш ёфта, дастрасии аҳолӣ ба фазои рақамӣ дар ҳудуди 25% то 86% (масалан, дар Қазоқистон 86%, дар Туркманистон 25,3%) муқаррар шудааст. Ин омилҳо ҳамзамон имкониятҳо ва таҳдидҳои нави кибериро ба вуҷуд овардаанд.

Кишварҳои минтақа бо дарназардошти афзоиши таҳдидҳои кибертерроризм ва амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла таъсири гурӯҳҳои ифротӣ ва паҳншавии экстремизм дар фазои маҷозӣ, тадбирҳои қонунгузорӣ ва ташкили ниҳодҳои махсусро ба роҳ мондаанд. Масалан, соли 2022 дар Узбекистон Қонуни амнияти киберӣ қабул гардид ва солҳои 2005 ва 2013 сохторҳои махсус барои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаи компютерӣ таъсис ёфтанд. Қирғизистон низ аз соли 2019 бо Консепсияи амнияти иттилоотӣ ва ташаббусҳои мухталиф дар бахши киберамнияти миллӣ фаъолият мекунад. Қазоқистон бо барномаҳои “Кибершит” ва “Кибершит 2.0” дар соли 2022 ба рушди стратегияи нави амнияти киберӣ шурӯъ кардааст.

Ҳамзамон, ҳамкориҳои минтақавӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба мисли ИДМ ва СҲШ ба густариши низоми амнияти иттилоотӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, соли 2001 дар Белорус Созишномаи ҳамкорӣ барои муборизаи бо ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот ба имзо расида, солҳои 2011-2013 кишварҳои минтақа ба шабакаи глобалии гурӯҳҳои компютерии вокуниш (CERT) пайвастанд. Илова бар ин, Созмони ИДМ соли 2000 Маркази зиддитеррористиро таъсис дод, ки дар ҳамоҳангсозии чораҳои зиддитеррористӣ нақши муҳимеро мебозад.

Дар замони муосир суръати тағйирёбии шароит ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таҳдидҳои нав ва мураккабро ба амнияти миллӣ ва суботи ҷомеа таҳдид мекунад. Истифодаи ғаразноки технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла силоҳи иттилоотӣ бо мақсади расонидани зарар ба сохторҳои давлатӣ ва ҷомеа, хусусияти «нерӯи ҳушманд» ё «Sharp Power»-ро гирифтааст, ки ба таври махфӣ ва самаранок татбиқ мешавад.

Таҳдидҳои киберӣ ва иттилоотӣ, ки дар шакли ҳуҷумҳои маҷозӣ, паҳн кардани иттилооти қалбакӣ, ташвиқи мафкураҳои тундрав ва ифротӣ, ҳамлаҳои хакерӣ ва истифодаи нармафзори зараровар амалӣ мегарданд, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва махсусан дар Тоҷикистон ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтаанд. Ин таҳдидҳо на танҳо амнияти иттилоотиро таҳрик медиҳанд, балки ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳамзамон, рушди киберҷиноят ва истифодаи яроқи иттилоотӣ, ки ба воситаи ботҳо ва троллҳо барои таҳрики афкори ҷамъиятӣ истифода мешаванд, ба эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои давлатӣ таъсир мерасонанд ва шадидан хавфнок мебошанд. Муқовимат бо ин таҳдидҳо талаб мекунад, ки давлат ва ҷомеа барои таҳкими амнияти киберӣ, рушди қонунгузорӣ, ва баланд бардоштани саводи иттилоотӣ чораҳои муштарак андешанд.

Аз ҷумла, барои Тоҷикистон хатарҳои асосии иттилоотӣ инҳоянд: мураккабшавии киберҷиноятҳо, истифодаи васеи силоҳи иттилоотӣ дар муборизаҳои сиёсӣ, фишори иттилоотӣ аз ҷониби нерӯҳои беруна, паҳншавии ақидаҳои ифротӣ ва талафоти автономияи иттилоотӣ. Ҳамаи ин масъалаҳо барои таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори кишвар аҳамияти стратегӣ доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ин таҳдидҳо, дар ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа ва созмонҳои минтақавӣ, аз қабили СҲШ, САД ва ИДМ, дар марҳилаи шаклгирии низоми мукаммали амнияти иттилоотӣ қарор дорад. Ин низом бо назардошти шароити дохилӣ ва байналмилалӣ бояд барномаи ҳамоҳангшудаи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва технологиро дар бар гирад.

Қисмати муҳими ин раванд эҷоди танзимоти муассир, афзудани иқтидори кадрӣ, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, ва ҳамкории зич бо ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо тавассути муносибати ҳамаҷониба ва муттаҳидшавии кӯшишҳои давлат, ҷомеа ва ташкилотҳои байналмилалӣ мумкин аст хатарҳои иттилоотӣ самаранок безарар гардонда шаванд ва рушди устувори кишвар таъмин карда шавад.

Дар ҷамъбаст, таҳкими амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии амниятӣ мебошад, ки бо рушду такмили технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсатҳои давлатӣ бо манфиатҳои миллии кишварҳои минтақа алоқаманд аст.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот.Таҳлили консептуалии таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки тайи ду даҳсолаи аввали сипаришудаи қарни бисту якум давлатҳои Осиёи Марказӣ дар баробари ҳалли масоили хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошта ба силсилаи хатарҳое рӯ бу рӯ шуданд, ки дар оғози дастёбӣ ба истиқлолият касе чашмдор набуд.

1. **Вазъият дар Осиёи Марказӣ** бо мавқеъи геополитикии худ ва ноустувории минтақа печида аст. Таҳдидҳои киберҷиноятӣ аз таҳқири нисбатан бегуноҳи онлайн ва хактивизм то ҷиноятҳои вазнини молиявие, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ содир мешаванд, иборат аст. Миқёси қаллобӣ дар компютер, аз қабили ҳамлаҳои фишингӣ ва дуздии маълумоти шахсият, ҳамасола афзоиш ёфта, хисороти назарраси иқтисодӣ мерасонад ва эътимодро ба хидматҳои онлайнро коҳиш медиҳад.

Бо вуҷуди ин, хатари ҷиддитар аз ҷониби таҳдидҳои терроризми киберӣ ва ҷанги киберӣ вуҷуд дорад. Дар шароити ташаннуҷи геополитикӣ ва ҳузури созмонҳои террористии фаромиллӣ Осиёи Марказӣ дар муқобили ҳамлаҳое, ки ба ноором кардани вазъ, тахриби инфрасохтори муҳим (энергетикӣ, нақлиёт, коммуникатсия) ва халалдор кардани амнияти миллӣ нигаронида шудаанд, бештар осебпазир мегардад. Имконияти истифодаи абзорҳои киберӣ барои таҳрики афкори ҷамъиятӣ, паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва барангехтани низоъҳои иҷтимоӣ низ як мушкилоти ҷиддӣ аст.

Аз ин рӯ, раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ маҷбуранд, ки аз стратегияи вокуниш ба стратегияи фаъоли таъмини амнияти киберӣ гузаранд. Ин на танҳо афзоиши назорат ва мониторинги фазои интернетро дар бар мегирад, балки таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои нозуки дифоъи киберӣ мебошад. Сармоягузорӣ барои рушди системаҳои муосири киберамният, омӯзиши мутахассисони IT ва ҳамкории байналмилалӣ дар муборизаба ҷиноятҳои киберҷинояткорӣ зарур аст. Муҳим он аст, ки инфрасохтори устувори иттилоотӣ аз ҳамлаҳои беруна ва таҳдидҳои дохилӣ ҳифз карда шавад.

Дар Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо зарурати таҳияи стратегияи амнияти иттилоотӣ ба миён омадааст, ки хатару таҳдидҳои марбут ба истифодаи технологияҳои иттилоотиро ба ҳадди ақал расонид. Амнияти иттилоотӣ дар ин замина ҳамчун ҳолате ҳисобида мешавад, ки дар он соҳаи иттилоот аз таъсири манфии дохилӣ ва берунӣ ҳифз шудааст. Ин ҳам ҳифзи маълумот ва ҳам таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии озод ба иттилоотро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, амнияти иттилоотии Тоҷикистон бояд як вазифаи стратегӣ гардад, ки муносибати ҳамаҷониба ва ҳамкории ҳама ҷонибҳои манфиатдорро тақозо мекунад. Ташаккул додани на танҳо воситаҳои техникии ҳифзи иттилоот, балки ташаккули фарҳанги истеъмоли бошууронаи иттилоот, ки фазои иттилоотии устувор ва бехатарро барои ҳамаи шаҳрвандон фароҳам меорад, муҳим аст [1-М], [2-М], [6-М].

2. Амнияти иттилоотӣ доираи васеи масъалаҳои марбут ба ҳифзи додаҳо ва системаҳои иттилоотиро аз дастрасии беиҷозат, истифода, ифшо, тағир додан ё нобуд кардан фаро мегирад. Ин на танҳо мушкилоти техникӣ, балки вазифаи бисёрҷабҳаест, ки ба ҷиҳатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа дахл мекунад. Консепсияи мазкур ба таъмини ҳифзи субъектҳои ҳамкории иттилоотӣ (шаҳрвандон, ташкилотҳо, давлат) аз таъсири манфии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, ки метавонад эҳтиёҷот ва ҳуқуқҳои иттилоотии онҳоро вайрон кунад, асос ёфтааст. Ин таҳдидҳо метавонанд аз киберҷинояткорӣ ва ҳамлаҳои хакерӣ то маълумоти бардурӯғ, таблиғ ва ҷанги иттилоотӣ бошанд [1-М], [6-М].

3. Таҳлили амнияти иттилоотӣ аз нуқтаи назари фалсафӣ, бахусус аз мавқеъҳои онтологӣ, гносеологӣ ва аксиологӣ имкон медиҳад, ки моҳияти он амиқтар дарк карда шавад. Ҷанбаи онтологӣ табиати амнияти иттилоотиро ҳамчун ҳолате муайян мекунад, ки дар он таҳдидҳо ба якпорчагии объектҳои иттилоотӣ ва устуворииӣ муҳити иттилоотӣ бартараф карда мешаванд. Дар шароити Тоҷикистон ин маънои ҳифзи инфрасохтори муҳим, системаҳои иттилоотии давлатӣ ва таъмини суботи провайдерҳои хидматрасонии интернетӣ ва дигар шабакаҳои иртиботиро дорад. Ҷанбаи гносеологӣ ба фаҳмиш ва идоракунии хатарҳои иттилоотӣ тамаркуз мекунад.

Ҷанбаи аксиологӣ шояд муҳимтарин барои дарки амнияти иттилоотӣ дар шароити мушаххаси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Дар мавриди Тоҷикистон, он арзишҳои ҷомеаи тоҷик, хусусиятҳои фарҳангии он ва ниёзҳои иттилоотии шаҳрвандонро инъикос мекунад.

Равиши антропологӣ ба амнияти фард ҳамчун субъекти ҳамкории иттилоотӣ тамаркуз мекунад. Дар замони рақамисозӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, таъмини саводнокии иттилоотии аҳолӣ ва пешгирии кибертаҳовуз махсусан муҳим мегардад. Дар Тоҷикистон ин пешбурди истифодаи бехатари интернет дар байни ҷавонон, омӯзонидани шаҳрвандон дар бораи асосҳои киберамният ва таҳияи механизмҳои муассири ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар фазои рақамиро дар бар мегирад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмини амнияти миллӣ ҳамчун омили муҳими рушди фарҳангии Тоҷикистон аҳаммияти хоса дорад. Ҳифз аз таҳдидҳои иттилоотии беруна, мубориза бо маълумоти бардурӯғ, ки ба халалдор кардани субот дар кишвар нигаронида шудааст, ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити гардиши ҷаҳонии иттилоот – ҳамаи ин таҳияи стратегия ва механизмҳои ҳамаҷонибаи таъмини амнияти иттилоотиро тақозо мекунад. Дар ин замина баррасии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва табодули таҷриба бо кишварҳои дигар дар заминаи амнияти киберӣ муҳим аст. Рушди системаи миллии мониторинги таҳдидҳои киберӣ, таъсиси воҳидҳои махсус дар мақомоти давлатӣ ва баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ дар соҳаи киберамният аз вазифаҳои асосии таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон ба шумор меравад [1-М], [2-М], [6-М].

4. Амнияти иттилоотӣ дар ҷаҳони муосир на танҳо як вазифаи техникӣ, балки ҷанбаи бунёдии амнияти миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Самаранокии он ба ҳалли масъалаҳои асосӣ дар доираи васеи соҳаҳо, аз иқтисодиёт ва мудофиа то нигаҳдории тандурустӣ ва устувории иҷтимоӣ бевосита таъсир мерасонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки иттилоот ба як манбаи стратегӣ табдил ёфтааст, таъмини амнияти иттилоотии давлатҳои алоҳида ҷузъи ҷудонашавандаи бунёди ҷомеаи устувору осоиштаи ҷаҳонӣ мебошад. Пайванди заиф дар амнияти иттилоотии як давлат метавонад барои ҳама оқибатҳои манфӣ расонад. Масалан, ҳамлаи бомуваффақияти киберӣ ба инфрасохтори муҳими як кишвар метавонад як аксуламали занҷирро ба вуҷуд оварад ва системаҳои ҷаҳониро, аз қабили бозорҳои молиявӣ ё шабакаҳои энергетикиро халалдор созад.

Таъмини амнияти иттилоотӣ раванди мураккабест, ки муносибати бисёрҷанбаро талаб мекунад. Он на танҳо воситаҳои техникии ҳифз (барномаҳои антивирусӣ, деворҳо, низоми ошкоркунии ҳуҷумҳо ва ғайра), балки ҷанбаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва аз ҳама муҳимтараш, иҷтимоию фарҳангиро дар бар мегирад. Ҷониби техникӣ бешубҳа муҳим аст: муҳофизат кардани серверҳо, шабакаҳо, пойгоҳи додаҳо аз дастрасии беиҷозат, пешгирии ихроҷи маълумоти махфӣ - ҳамаи ин такмил ва навсозии доимиро талаб мекунад. Аммо, агар кормандон сатҳи кофии касбият надошта бошанд, хатарҳоро нафаҳманд ва қоидаҳои амнияти иттилоотиро риоя накунанд, воситаҳои пуриқтидори техникӣ бефоида мебошанд [1-М], [2-М], [6-М].

5. Таъсиси системаи муассири амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳо, на танҳо ба мавҷудияти таҷҳизоти пешрафта ва технологияҳои муосир вобаста аст, ҳарчанд ин бешубҳа ҷузъи муҳим аст.

Кордонӣ ва сифатҳои ахлоқии мутахассисоне, ки дар соҳаи амнияти иттилоотӣ кор мекунанд, хеле муҳимтар аст. Таҷрибаи онҳо дар криптография, амнияти шабака, таҳлили таҳдидҳо ва вокуниш ба ҳодисаҳо асоси ҳифзи мустаҳкам мебошад. Аммо дар баробари малакаҳои техникӣ, принсипҳои баланди ахлоқӣ, қобилияти муқовимат ба фасод ва фишор ва дарки амиқи масъулият барои амнияти иттилоот зарур аст.

Ташаккули чунин сифатҳо аз сатҳи таълиму тарбия оғоз меёбад. Барномаҳои таълимӣ бояд на танҳо фанҳои техникӣ, балки ахлоқи рафтори касбӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқии амнияти иттилоотӣ, инчунин рушди тафаккури интиқодӣ барои эътироф ва пешгирии таҳдидҳои иттилоотиро дар бар гиранд. Давлат дар ин раванд тавассути таҳия ва татбиқи қонунгузории дахлдор, барномаҳои такмили ихтисос ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули ҷомеаи касбии мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ нақши асосиро мебозад. Дар сатҳи қонунгузорӣ масъулият барои вайрон кардани стандартҳои амнияти иттилоотӣ, механизмҳои вокуниш ба киберҷиноятҳо, инчунин механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ бояд дақиқ муайян карда шаванд.

Ҷанбаи муҳим ин ташаккули фарҳанги иттилоотии тамоми ҷомеа мебошад. Шаҳрвандон бояд аз хатарҳои мавҷуда огоҳ бошанд, донанд, ки чӣ гуна ҳифзи маълумоти шахсии худ ва чӣ гуна эътироф кардани ҳамлаҳои фишингӣ ва дигар намудҳои қаллобӣ. Кори тарбиявӣ дар ин бобат вазифаи на танхо органхои давлатӣ, балки муассисахои таълимӣ, воситахои ахбори оммавӣ ва ташкилотхои чамъиятӣ мебошад. Танҳо кӯшиши дастаҷамъона, ки ба масъулияти муштараки давлат, ташкилотҳо ва шаҳрвандон асос ёфтааст, метавонад амнияти иттилоотии муассирро таъмин намояд мегирад [1-М], [2-М], [3-М].

6. Дар шароити Тоҷикистон рушди фазои сайёҳии иттилоотӣ, масъалаҳои амнияти иттилоотӣ бахусус аҳаммияти хоса пайдо мекунанд. Афзоиши ҷараёни сайёҳон боиси афзоиши ҳаҷми иттилооти коркардшуда ва аз ин рӯ афзоиши хатарҳо мегардад. Системаҳои фармоиши меҳмонхонаҳо, системаҳои пардохт, вебсайтҳои агентиҳои сайёҳӣ - ҳамаи инҳо ҳадафҳои эҳтимолии ҳамлаҳои киберӣ мебошанд. Таъмини амнияти ин системаҳо барои нигоҳ доштани эътимоди сайёҳон ва рушди соҳаи сайёҳӣ муҳим аст. Ин на танҳо чораҳои бехатарии техникӣ, балки мониторинги риояи қонунгузорӣ, инчунин омӯзиши кормандонро оид ба қоидаҳои коркарди бехатари иттилоот дар бар мегирад. Системаҳои назоратӣ бояд ҳам муҳофизатро аз таҳдидҳои беруна ва ҳам пешгирӣ аз ихроҷи иттилоот аз дохил таъмин кунанд. Аудити мунтазами амният, санҷиши воридшавӣ ва татбиқи системаҳои вокуниш ба ҳодисаҳо унсурҳои муҳими таъмини амнияти фазои сайёҳии иттилоотии Тоҷикистон мебошанд. Таҳияи барномаҳои махсуси омӯзишӣ барои кормандони соҳаи сайёҳӣ оид ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ низ вазифаи ниҳоят муҳим мебошад.

Хулоса, системаи самараноки амнияти иттилоотӣ на танҳо маҷмӯи воситаҳои техникӣ, балки системаи мураккаби бисёрсатҳа мебошад, ки

муносибати маҷмӯиро тақозо мекунад, ки ҷузъҳои қонунгузорӣ, ташкилӣ, техникӣ ва муҳимтар аз ҳама, иҷтимоию фарҳангиро дар бар мегирад [1-М], [2-М], [3-М].

7. Мундариҷаи иҷтимоӣ бояд асоси технологияҳои иттилоотии ҷомеа бошад. Модели амнияти иттилоотии Тоҷикистон, ки дар рисола пешниҳод шудааст, бояд ба дарки амиқи вижагиҳои фарҳанги миллӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ асос ёбад. Наметавон оддӣ аз моделҳои ғарбӣ, бе назардошти хусусиятҳои хоси ҷомеаи тоҷик гирифт. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи кодексу қонунҳо бояд ин нозукиҳо ба инобат гирифта, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон бо назардошти шароити фарҳангии онҳо таъмин карда шаванд. Стратегияи давлатии рушд ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ набояд танҳо эъломия, балки нақшаи мукаммал бошад, ки ҳадафҳо, вазифаҳо, нишондиҳандаҳои фаъолият ва механизмҳои назоратро дар бар мегирад. Зарур аст, ки кодекси ахлоқии кормандони технологияҳои иттилоотӣ таҳия карда шавад, ки фаъолияти онҳоро дар заминаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон танзим мекунад. Мубориза бар зидди маълумоти бардурӯғ ва таблиғи нафрат дар муҳити рақамӣ зарур аст. Ҳангоми таҳия ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ҷанбаҳои фарҳангӣ бояд ба назар гирифта шаванд, то онҳо бо анъанаҳо ва арзишҳои мардуми тоҷик мувофиқ бошанд. Хуллас, таҳияи стратегияи муассири амнияти иттилоотӣ барои Тоҷикистон як вазифаи мураккаб ва бисёрҷанбаест, ки ба назар гирифтани ҷанбаҳои техникӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва фарҳангиро тақозо мекунад. Танҳо бархӯрди ҳамаҷониба бар дарки амиқи вижагиҳои ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин хоҳад кард [1-М], [2-М], [6-М].

8. Аҳаммияти принсипҳои ахлоқӣ ва танзими ҳуқуқии фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва таъсири фарогири онҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пайваста меафзояд. Мушкилот дар зарурати мутобиқ кардани меъёру қоидаҳои мавҷуда ба воқеияти нав аст, ки дар он иттилоот як воситаи тавонои ҳам барои офариниш ва ҳам нобудсозӣ гардидааст. Як баёнияи оддии далел кофӣ нест, он татбиқи фаъоли механизмҳои муассирро талаб мекунад, ки қобилияти таъмини мувозинати байни озодии иттилоот ва ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва давлатро дорад. Унсури асосии ҳалли мушкилот рушди худтанзимкунӣ дар соҳаи иттилоот мебошад. Ин на танҳо таҳия ва қабули кодексҳои ахлоқӣ, балки таъсиси ниҳодҳои мустақили назорати риояи онҳоро дар назар дорад. Чунин муассисаҳо метавонанд иттиҳодияҳои касбии рӯзноманигорон, блогерҳо, мутахассисони IT, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятиро дар бар гиранд, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар фазои рақамӣ машғуланд. Системаи бисёрсатҳи амнияти иттилоотӣ бояд тадбирҳои техникӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқиро дар бар гирад. Амнияти техникӣ ҳифзи системаҳои иттилоотиро аз ҳамлаҳои киберӣ ва дастрасии беиҷозат дар бар мегирад. Амнияти ташкилӣ эҷоди қоидаҳо ва расмиёти равшани коркарди иттилоот дар

дохили созмонҳо ва мақомоти давлатӣ мебошад. Амнияти ҳуқуқӣ қонунгузории самаранок ва назорати иҷрои он мебошад [1-М], [2-М], [3-М].

9. Дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ҳудуди давлатҳо корпоратсияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ пайдо шуданд, ки ба ҳаёти мардум ва давлатҳои миллӣ таъсири мусбат ва манфӣ расонида, ба истиқлолияти онҳо таҳдид мекунанд. Дар чунин шароит бояд консепсияи омодагии баланди зеҳнӣ ва касбӣ барои таъмини амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон таҳия карда шавад. Дар ҷаҳони муосир, ки бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва таъсири ҳамаҷонибаи фазои рақамӣ тавсиф мешавад, ташаббусҳои иҷтимоӣ барои бунёди ҷомеаи иттилоотии бехатар ва муассир аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Ин ташаббусҳо системаи мураккабу серҷабҳаро ифода мекунанд, ки дар зинаҳои гуногун — аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои калони ҷамъиятӣ сар карда, то шаҳрвандони алоҳида амал мекунанд. Давлат дар навбати худ дар таъсиси заминаҳои ҳуқуқӣ, таҳияи стратегия ва таъмини маблағгузории чунин лоиҳаҳо нақши калидӣ дорад. Аммо, самараи ин тадбирҳо бевосита ба иштироки фаъолонаи ҷамъият ва ҳар як аъзои он вобаста аст.

Татбиқи ташаббусҳои иҷтимоӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ на танҳо як раванди техникии ҷорӣ намудани технологияҳои нави ҳифзи додаҳо мебошад. Ин як равиши фарогирест, ки ба бисёр ҷанбаҳои ҳаёти инсони муосир, аз одатҳои ҳаррӯзаи ӯ дар истифодаи Интернет то ташаккули меъёрҳои ахлоқии рафтор дар ҷаҳони виртуалӣ дахл дорад. Ташаккул додани муносибати масъулиятнок ва салоҳиятнок ба иттилоот яке аз ҳадафҳои асосии ин ташаббусҳо мебошад. Танҳо бо сатҳи баланди саводнокии рақамӣ дар байни аҳолӣ мо метавонем бо таҳдидҳои гуногуни иттилоотӣ, аз қабили киберҷиноятқорӣ, маълумоти бардурӯғ ва тақаллуби афкори ҷомеа самаранок мубориза барем [1-М], [2-М], [3-М], [6-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ:

1. Таҳияи стратегияи ташаккул ва рушди аҳолии баландихтисос ва салоҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи аҳамияти аввалиндараҷаест, ки муносибати ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) таъмини омодагии ҳамаҷонибаи шаҳрвандон ба чолишҳои муосир ба омили муҳими амнияти миллӣ ва шукуфоии иқтисодӣ табдил меёбад. Ҷаҳони муосир бо ҳамгироии технологияҳо ба монанди Интернети ашё (IoT), зеҳни сунъӣ (AI), роёниши абрӣ, блокчейн, таҳлили маълумоти калон, ҳукумати электронӣ, соҳаи тандурустии рақамӣ ва криптовалютҳо тавсиф мешавад, ки бешубҳа тамоми ҷабҳаҳои ҷомеаро тағир медиҳанд.

Аз ин рӯ, дар стратегияи рушди неруи зеҳнии аҳолӣ бояд ин мушкилот ба инобат гирифта шавад. Ин бояд таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба саводнокии рақамӣ, омӯзиши тафаккури интиқодӣ, қобилияти фарқ кардани маълумоти боэътимод аз хабарҳои қалбакӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон дар бораи хатарҳои марбут ба истифодаи ТИК-ро дар бар

гирад. Дар маҷмӯъ, стратегия бояд ба рушди мутаносиби ТИК ва ба ҳадди аксар расонидани иқтидори онҳо барои шукуфоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари кам кардани хатарҳои эҳтимолӣ нигаронида шавад. Танҳо муносибати ҳамаҷониба ва системавӣ омодагии ҳамаҷонибаи аҳолӣ ба мушкилоти ҷаҳони муосирро таъмин мекунад.

2. Васеъ гардидани доираи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, бешубҳа, имкониятҳои бесобиқаи рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатро фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, ба монанди ҳама гуна абзори пурқувват, технологияҳои IT метавонанд барои зарар истифода шаванд ва тасвири мураккаб ва бисёрҷанбаи хатарҳои иттилоотиро эҷод кунанд. Танишҳои геополитикӣ ин мушкилотро шадидтар карда, фазои иттилоотиро ба майдони муборизаҳои пинҳонӣ ва ошкоро барои нуфуз табдил медиҳанд . Набудани қонунҳо ва механизмҳои мувофиқи танзими фазои иттилоотӣ низ ба паҳншавии таҳдидҳои иттилоотӣ мусоидат мекунад. Барои муқовимати муассир ба ин таҳдидҳо стратегияи ҳамаҷонибаи амнияти иттилоотиро таҳия кардан лозим аст, ки такмили қонунгузорӣ, рушди системаҳои дифоъи киберӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандӣ ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар бар мегирад. Зарур аст, ки механизмҳои байналхалқии назорат ба таҳия ва истифодаи силоҳи қатли ом, аз ҷумла аслиҳаи иттилоотӣ таъсис дода шаванд. Танҳо чунин равиш метавонад суботи стратегиро дар шароити технологияҳои иттилоотии доимоинкишофёбанда кафолат диҳад.

3. Бештар истифода бурдани механизму воситаҳои таъсиррасонии ахборотию психологӣ, ки ба ноустувор гардондани муҳити дохилии сиёсӣ ва иҷтимоии қитъаҳои гуногуни ҷаҳон нигаронида шудааст, боиси суст шудани сохибихтиёрӣ ва вайрон шудани бутунии ҳудудии як зумра мамлакатҳои калон мегардад. Дар ин самт ташкилотҳои динӣ, қавмӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ташкилотҳо, инчунин гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандӣ ҷалб карда шуда, дастовардҳои технологияи иттилоотӣ фаъолона истифода мешаванд.

4. Гурӯҳҳои гуногуни террористиву экстремистӣ бо мақсади барангехтани ташаннуҷи ҷомеа, барангехтани кинаву адовати миллӣ ва динӣ, инчунин паҳн намудани идеологияи ифротгароӣ ва ҷалби ҷонибдорони нав ба шуури шахсӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ аз усулҳои таъсири иттилоотӣ фаъолона истифода мебаранд. Ин ташкилотҳо барои таъсири харобиовар ба объектҳои асосии инфрасохтори иттилоотӣ бо қасди ҷиноятӣ воситаҳои эҷод мекунанд.

5. Барои баланд бардоштани сатҳи амнияти иттилоотӣ дар соҳаи мудофиаи миллӣ Тоҷикистонро зарур аст, ки як қатор тадбирҳо андешад. Ин таҳкими заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи киберамният, таҳия ва татбиқи системаҳои муосири амнияти иттилоотӣ, сармоягузорӣ ба омодасозии мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи киберамният, таъсиси воҳидҳои махсус барои мубориза бо киберҷиноятҳо, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа дар бораи таҳдидҳои киберӣ ва қоидаҳои рафтори бехатар дар интернетро дар бар мегирад. Илова бар ин, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи киберамният, табодули таҷриба ва иттилоот бо иттифоқчиён ва шарикон бо мақсади муқовимат бо таҳдидҳои фаромиллии киберӣ зарур аст.

ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-А]. Фозилов К. Дж. Информационная война против стран Центральной Азии и пути сохранения национальной безопасности [Текст] / К.Дж. Фозилов //Вестник Тюменского государственного университета культуры. – Тюмен, 2023. - №02 (28). - С.135–139.

[2-А]. Фозилов К.Ҷ. Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи ниҳодҳои байналхалқӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. -№ 7. – С. 78-85.

[3-А]. Фозилов К.Ҷ. Раванди шаклгирии фарҳанги иттилоотии ҷомеаи муосир дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ –иртиботӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.- № 9.– С. 123-127.

[4-А]. Фозилов К.Ҷ. Фарҳанг ҳамчун “нерӯи нарм” (soft power) дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. - № 10. – Душанбе, – С.74-78.

[5-А]. Фозилов К.Ҷ. Таъсири хатарҳои иттилоотӣ ба фазои амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.- № 3. – С.291-296.

[6-А]. Фозилов К.Ҷ. Мушкилоти фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити муосир [Матн] / К.Ҷ. Фозилов, Х.Д. Самиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025.- №4. – С.51-58.

[7-А]. Фозилов К.Ҷ. Ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба пешгирии хатарҳои иттилоотӣ дар асри XXI [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2025. - №4– С.77-87.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[8-А]. Фозилов К.Ҷ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар Созмони Ҳамкории Шанхай [Матн] / К.Ҷ. Фозилов //Муҳаққиқи ҷавон. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №1. Душанбе, 2019. – С.41-45.

[9-А]. Фозилов К. Дж. Историко-культурные основы формирования отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан [Текст] / К.Дж. Фозилов, Л. Ширинзода // Сборник материалов XIII Международной научно-теоретической конференции молодых ученых высших учебных заведений Таджикистана, России и Узбекистана (25 февраля 2023). - Душанбе, 2023. - С.50-54.

[10-А]. Фозилов К. Дж. Перспективы культурного сотрудничества Республики Таджикистан с ЮНЕСКО. [Текст] / К. Дж. Фозилов/ Сборник материалов XI международной научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений России, Таджикистана и Узбекистана.- (22 апреля 2022). Душанбе. С.82-93.

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

УДК: 327 (091) (575)
ТКБ: 66.4 (0) +63.3 (5)
Ф- 82

На правах рукописи

ФОЗИЛОВ КОМРОН ДЖАМОЛОВИЧ

«ИНФОРМАЦИОННЫЕ УГРОЗЫ И ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ В КОНТЕКСТЕ СОДРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ОБЛАСТИ БЕЗОПАСНОСТИ В ПЕРВОЙ ЧЕТВЕРТИ XXI ВЕКА»

Автореферат

